# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Исмоилзода Абдулмаҷид Шералӣ дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.1. Таърихи илму техника (математика).**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуи диссертатсияи мазкур ба самтҳои асосии шиносномаи ихтисоси илмӣ оид ба математика ва таърихи рушди он, ки аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, комилан мувофиқат менамояд. Мазмуни таҳқиқ ба омӯзиши раванди таърихии ташаккул ва инкишофи назарияи ададҳои сода, таҳлили осори олимони тоҷику форс ва саҳми олимони аврупоӣ дар рушди ин соҳа бахшида шудааст.

Дар диссертатсия масъалаҳои асосии назарияи ададҳо, хосиятҳои ададҳои сода ва марҳилаҳои таърихии рушди онҳо мавриди таҳлил қарор гирифта, робитаи онҳо бо рушди умумии илмҳои математикӣ нишон дода шудааст. Ин равиш ба талаботи илмии ихтисосҳои марбут ба назарияи ададҳо, арифметика ва таърихи математика пурра мувофиқат мекунад.

Ҳамзамон, таҳқиқи саҳми олимони асримиёнагии тоҷику форс дар рушди афкори математикӣ ва дастовардҳои олимони Аврупо ба баланд бардоштани сатҳи таҳлили илмӣ ва таърихии масъала мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии интихобшуда пурра мутобиқат дорад.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Мубрамии мавзуи диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки назарияи ададҳо яке аз самтҳои муҳими математика ба ҳисоб рафта, омӯзиши ададҳои сода дар он нақши калидӣ дорад. Бо вуҷуди мавҷуд будани таҳқиқоти гуногун оид ба назарияи ададҳо, масъалаи ташаккул ва рушди таърихии он, махсусан дар осори олимони тоҷику форс, то ҳол ба таври мукаммал ва ҳамаҷониба баррасӣ нагардидааст.

Дар шароити рушди босуръати илм ва технология, омӯзиши асосҳои назариявии математика, аз ҷумла назарияи ададҳои сода, аҳамияти хос пайдо мекунад. Зеро ин соҳа на танҳо барои рушди илмҳои дақиқ, балки барои технологияҳои муосир, аз ҷумла криптография ва амнияти иттилоотӣ, низ муҳим мебошад.

Ҳамчунин таҳқиқи саҳми олимони асримиёнагии тоҷику форс, Аврупо ва даври шуравӣ дар ташаккули назарияи ададҳо имкон медиҳад, ки робитаи таърихии рушди илм равшан гардида, ҷойгоҳи дастовардҳои илмии олимони

муосир дар ин раванд дуруст муайян карда шавад. Аз ин рӯ, мавзуи интихобшуда дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки дар он дар сатҳи мукаммалтар раванди таърихии ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода аз нигоҳи таърихӣ ва муқоисавӣ таҳлил гардида, саҳми олимони тоҷику форс ва олимони аврупоӣ, олимони рус ва шуравӣ инчунин корҳои олимони ватанӣ дар ин самт ба таври муназзам баррасӣ шудааст. Дар натиҷаи таҳқиқ робитаи байни марҳилаҳои рушди назарияи ададҳо ва таҳаввули афкори математикӣ равшан карда шудааст. Дар рафти таҳқиқот:

- пайдоиш ва инкишофи назарияи ададҳои сода дар осори олимони қадим, бори аввал омӯхта шудааст;
- таҳқиқи назарияи ададҳои сода дар осори олимони форсу тоҷики асрҳои миёна;
- рушди босуръати назарияи ададҳои сода аз тарафи олимони Аврупои асрҳои XVI-XIX;
- таҳқиқи назарияи ададҳои сода дар замони шуравӣ;
- омӯзиши дастовардҳои олимони тоҷик дар замони истиқлолияти давлатӣ оид ба назарияи ададҳои сода.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда зеринанд.**

- инкишофи назарияи ададҳои сода дар замонҳои қадим ва омӯзиши донишҳои назарияи ададҳои сода дар осори олимони форсу тоҷик дар асрҳои миёна;
- осори олимони Аврупои асрҳои XVI-XIX ва дастовардҳои онҳо доир ба назарияи ададҳои сода;
- таҳқиқи назарияи ададҳои сода дар замони шуравӣ;
- дастовардаҳои олимони тоҷик доир ба назарияи ададҳои сода дар замони муосир.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда бо истифода аз сарчашмаҳои муътамади илмӣ, осори олимони маъруфи ватанӣ ва хориҷӣ, дастовардҳои муосири таърихи математика ва назарияи ададҳо таъмин карда шудааст. Дар раванди таҳқиқ усулҳои таҳлили таърихӣ, методҳои гуногуни ҳосилкунии ададҳои сода, таҳқиқ гардидаанд, ки барои дарки ҳамаҷонибаи масъала мусоидат намудаанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ ҳамчунин бо омӯзиш ва таҳлили осори олимони тоҷику форс, олимони Аврупо ва корҳои илмии муҳаққиқони муосири ватанӣ тасдиқ мегардад. Хулосаҳои бадастомада ба натиҷаҳои

таҳқиқоти илмии мавҷуда мухолифат надошта, балки онҳоро такмил ва ҷамъбаст менамоянд.

Тавсияҳои пешниҳодшуда ба натиҷаҳои воқеии таҳқиқ такя намуда, метавонанд дар омӯзиши таърихи математика, назарияи ададҳо, таҳияи курсҳои махсус, таълифи китобҳои дарсӣ ва гузаронидани таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ истифода шаванд. Аз ин рӯ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва эътимоднок мебошанд.

**5. Ҳаҷми ва сохтори диссертатсия**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», 3 боб, 7 параграф, бахши «Хулосаҳо», «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», «Феҳристи рӯйхати адабиёт ва таълифоти истифодашуда» иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 193 саҳифа иборат буда, 7 расму 17 ҷадвал ва рӯйхати адабиёти иборат аз 159 номгӯро дарбар мегирад.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудааст.

Боби якуми диссертатсия «Назарияи ададҳои сода дар осори олимони тоҷику форс» ном дошта, дар ин боб доир ба пайдоиш ва рушди назарияи ададҳо, мафҳум ва хусусиятҳои ададҳои сода, инчунин саҳми олимони қадим ва асримиёнагии тоҷику форс дар ташаккул ва рушди ин соҳаи математика сухан меравад. Аз ҷумла:

1. Пайдоиш ва марҳилаҳои асосии рушди назарияи ададҳо мавриди омӯзиш қарор гирифта, нақши ададҳои сода дар ташаккули ин соҳаи математика нишон дода шудааст.
2. Мафҳум, хусусиятҳо ва қонуниятҳои асосии ададҳои сода таҳлил гардида, аҳамияти онҳо дар рушди назарияи ададҳо муайян карда шудааст.

Дар натиҷаи таҳқиқ муайян гардид, ки олимони қадим ва асримиёнагии тоҷику форс дар ташаккул ва рушди донишҳои марбут ба ададҳо саҳми арзишманд гузошта, барои пешрафти минбаъдаи назарияи ададҳо заминаи муҳими илмӣ фароҳам овардаанд.

Боби дуюми диссертатсия, ки «Таҳвили назарияи ададҳои сода ба Аврупо» унвон гирифтааст. Дар ин самт, дастовардҳои олимони шинохтаи Аврупо ба монанди М. Мерсенн, П. Ферма, Л. Эйлер, Х. Голдбах, Ж.Л. Лагранж, Э. Варинг, Г.Ф. Лейбнитс, Е. Люк, Д.Г. Лемер ва даҳҳо дигаронро қайд намудан бо маврид аст. Аз ҷумла:

1. Саҳми М. Мерсенн дар омӯзиши ададҳои сода ва кашфи ададҳои маъруф ба номи «ададҳои Мерсенн» баррасӣ гардидааст.
2. Тадқиқотҳои П. Ферма оид ба хосиятҳои ададҳои сода ва нақши онҳо дар рушди назарияи ададҳо таҳлил шудаанд.
3. Дастовардҳои Эйлер, Голдбах, Лагранж, Варинг, Лейбнитс, Люк ва Лемер дар такмил ва рушди назарияи ададҳои сода мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.
4. Муайян карда шудааст, ки фаъолияти олимони Аврупо барои ташаккули назарияи муосири ададҳо ва густариши таҳқиқоти илмӣ дар ин самт заминаи устувор фароҳам овардааст.

Натиҷаи боби мазкур нишон медиҳад, ки олимони аврупоӣ бо такя ба донишҳои пешин ва таҳқиқоти мустақили худ назарияи ададҳои содаро ба сатҳи нави илмӣ расонида, натиҷаҳои муҳим ба даст овардаанд. Дар натиҷа, назарияи ададҳо ҳамчун яке аз самтҳои асосии математика ташаккул ёфта, барои рушди илмҳои дақиқ ва технологияҳои муосир аҳамияти калон пайдо кардааст.

Боби сеюм, «Таҳқиқи назарияи ададҳои сода дар Тоҷикистон» ном дошта, таҳқиқоти олимони тоҷикро доир ба назарияи ададҳои сода, дар бар мегирад. Дар давраи истиқлолият дар Тоҷикистон шогирдони олимони рус таҳқиқоти худро дар соҳаи назарияи ададҳо идома дода, ба натиҷаҳои илмии назаррас ноил гардиданд. Аз ҷумла:

1. Дастовардҳои илмии муҳаққиқони тоҷик, ки зери роҳбаладӣ ва таъсири мактабҳои илмии олимони рус ташаккул ёфтаанд, мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.
2. Саҳми олимони тоҷик дар омода намудани мутахассисони соҳаи математика ва рушди таҳқиқоти назарияи ададҳо муайян карда шудааст.
3. Муайян гардидааст, ки дар давраи истиқлолият таҳқиқоти назарияи ададҳо дар Тоҷикистон густариш ёфта, барои рушди минбаъдаи илмҳои математикӣ заминаи мусоид фароҳам омадааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки дар солҳои истиқлолият омӯзиш ва рушди назарияи ададҳо дар Тоҷикистон вусъати тоза пайдо намудааст. Олимони тоҷик бо такя ба анъанаҳои ғании мактабҳои илмии гузашта ва истифодаи равишҳои муосири илмӣ ба дастовардҳои назарраси таҳқиқотӣ ноил шудаанд. Муваффақиятҳои онҳо дар самти омӯзиши назарияи ададҳои сода ба пешрафти математикаи миллӣ мусоидат намуда, ҷойгоҳ ва нуфузи илмии Тоҷикистонро дар арсаи илм таҳким бахшидааст.

Хулоса аз 4 банд иборат буда, дар маҷмӯъ метавон қайд намуд, ки назарияи ададҳо яке аз бахшҳои бунёдии математика маҳсуб ёфта, омӯзиши ададҳои сода дар он ҷойгоҳи муҳимро ишғол менамояд. Баррасии натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳад, ки ин самти илм аз замонҳои қадим сарчашма гирифта, дар ҷараёни таърих тавассути дастовардҳои олимони асримиёнагии тоҷику форс ва Ғарб такмил ва густариш ёфтааст.

Саҳми донишмандони тоҷику форс, аз ҷумла Муҳаммад ал-Хоразмӣ, Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Собит ибни Қурра, Ибни Ҳайсам, Ал-Форисӣ ва Насируддини Тӯсӣ дар ташаккули пояҳои илмии арифметика ва рушди тафаккури риёзӣ бисёр арзишманд мебошад. Осори илмии онҳо барои пешрафти минбаъдаи математика замина фароҳам оварда, баъдан тавассути муҳити илмии Аврупо идома ва такомул ёфтааст.

Натиҷаҳои таҳқиқ собит месозанд, ки назарияи ададҳо имрӯз на танҳо дорои аҳамияти бузурги назариявӣ мебошад, балки дар соҳаҳои гуногуни илм, техника ва технологияҳои иттилоотӣ низ татбиқи васеъ дорад. Аз ин рӯ, таҳқиқ ва омӯзиши минбаъдаи назарияи ададҳои сода барои рушди илмҳои дақиқ ва густариши донишҳои математикӣ аҳамияти махсус дорад.

**6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсия дорои аҳаммияти назаррас буда, арзиши онҳо дар ҷанбаҳои илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ зоҳир мегардад.

Арзиши илмӣ дар он ифода меёбад, ки таҳқиқот ба омӯзиши таърихи ташаккул ва инкишофи назарияи ададҳои сода бахшида шуда, саҳми олимони асримиёнагии тоҷику форс ва аврупоӣ дар рушди ин соҳаи математика мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи таърихи математика ва назарияи ададҳо ҳамчун заминаи илмӣ хизмат намоянд.

Арзиши амалӣ дар имконияти истифодаи натиҷаҳои таҳқиқ дар раванди таълим, омода намудани курсҳои махсус, таҳияи барномаҳои таълимӣ, навиштани китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ зоҳир мешавад. Маводи диссертатсия метавонад барои донишҷӯён, магистрантҳо, докторантҳо ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ муфид бошад.

Арзиши иқтисодӣ ба аҳамияти назарияи ададҳо дар рушди технологияҳои рақамӣ, рамзнигорӣ (криптография), ҳифзи иттилоот ва дигар самтҳои марбут ба иқтисоди рақамӣ вобаста мебошад. Натиҷаҳои

таҳқиқ барои дарки амиқтари асосҳои назариявии ин соҳаҳо мусоидат мекунанд.

Арзиши иҷтимоӣ дар тарғиби донишҳои илмӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати математикӣ, рушди ҷаҳонбинии илмӣ ва эҳтиром ба мероси илмии ниёгон зоҳир мегардад. Инчунин, таҳқиқот барои таҳкими худшиносии миллӣ ва муаррифии саҳми олимони тоҷику форс дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ аҳаммияти муҳим дорад.

**7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар 22 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 6-тоашро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил дода, 1 дастури таълимӣ, 1 ёрии методӣ ва 14-тои боқимондаашро маводи конференсияҳои илмӣ ташкил медиҳанд, ки аз ин 2-тоаш маводи конференсияҳои илмии байналмилалӣ мебошад. Мақолаҳои тақризшаванда ба мавзуъи кори диссертатсионӣ тааллуқ дошта, дар маҷаллаҳои ба ҳамин самт вобастабуда нашр шудаанд.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсия тибқи талаботи амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва ба расмият даровардa шудааст. Сохтор, ҳаҷм, тартиби ҷойгиршавии қисматҳо, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо ба талаботи дастурҳои муқарраргардидаи Комиссия ҷавобгӯ мебошанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ ҳудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои омроӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Татбиқи назарияи ададҳои сода дар замони муосир маълумот камтар ба назар мерасад.

2. Дастовардҳои олимони давраҳои қадим оид ба назарияи ададҳои сода дар рисола ҳамчун боби алоҳида оварда мешуд, арзиши кор баландтар мегардид.

3. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва камбудиҳои техникии ҷузъӣ мушоҳида мешаванд, ки ҳангоми омодасозии ниҳоии кор ислоҳшаванда мебошанд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назар ю амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Исмоилзода А.Ш. дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.1. Таърихи илму техника (математика) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои таърих,
дотсенти кафедраи физикаи
умумӣ ва назариявии Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Қурбонов Д.М.

Имзои Қурбонов Д.М.,-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Давлатзода М.А.

Суроға: 735360, Ҷумхурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, кӯч. С. Сафаров 16
Тел.: (8 33 22) 2 35 06, (8 33 22) 2 36 26
Факс: (8 33 22) 3 35 06
Сомона: www.kgu.tj
E-mail: info@kgu.tj

«05» 08 с. 2026